БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Августи 2018

**Аз рӯи ҷамъбасти моҳи августи соли равон сатҳи таварруми моҳона[1] дар доираи дурнамои пешбинигардида қарор дошта, раванди тағйирёбии муътадил дошт ва ба 0,8 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 1,1 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Ба таваррумї ҳосилшуда асосан болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 1,1 фоиз (саҳм дар таваррум 0,6 б.ф.) ва арзиши хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 1,2 фоиз (0,2 б.ф.) таъсир расонид. Ҳамзамон, дар ин моҳ нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ бетағйир ҷамъбаст гардид.

Таъсири омилҳои кӯтоҳмуддати мавсимӣ, бахусус қиматшавии нархи хизматрасонии нақлиёти ҳавопаймо ба андозаи 16,7 фоиз, инчунин болоравии нархи баъзе аз маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ ва зиёд гардидани талабот вобаста ба Иди Қурбон (аз қабили орди навъи якум, биринҷ, гӯшти гов, сабзӣ, карам, помидор ва ғайра) боиси болоравии сатҳи таваррум гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тамоюли болоравии нархи миёнаи орди навъи якум, ки яке аз маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ (вазни хос дар сабади истеъмолӣ 10,7 фоиз) ба ҳисоб меравад, дар ҷумҳурӣ шурӯъ аз моҳи апрели соли равон оғоз гардида, дар давоми 5 моҳи охир (апрел-август с. 2018) ба 4,8 фоиз баробар шуд.

Вобаста ба ин, тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ нархи миёнаи орд дар моҳи августи соли равон ба 236,6 долл. ИМА барои 1 тонна баробар шуд, ки нисбат ба моҳи апрели соли ҷорӣ (давоми 5 моҳи охир) ба андозаи 10,7 фоиз зиёд мебошад.

**Ҳамин тариқ, сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) тамоюли муътадили болоравӣ дошта, дар моҳи августи соли 2018 ба 3,5 фоиз баробар шуд, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 1,2 б.ф. зиёд мебошад.**

Тибқи таҳлилҳо интизор меравад, ки сатҳи таваррумї солона тадриҷан раванди болоравии муътадили худро оғоз намуда, дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда* ҷамъбаст хоҳад шуд.

Сатҳи таваррумї аслӣ** дар моҳи августи соли ҷорӣ 0,1 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона бошад, ба 2,0 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва

**Таваррумї моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таваррумї солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



ҳайвонот), маҳсулоти ғайрихӯроквории (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

Дар пӯёии тағйирёбии таварруми ғайриаслӣ (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) поёнравии нисбии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯроквории дар моҳи августи соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид. Аз ҷумла, поёнравии нархҳои маҳсулоти хоми хӯроквории асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи картошка (-0,4% м/м ё -47,9% с/с), каду (-6,8% м/м ё -5,9% с/с), нахӯд (-3,2% м/м ё -15,9% с/с), шакар (-0,7% м/м ё -13,8% с/с), себ (-4,1% м/м ё 13,0% с/с), ангур (-19,1% м/м ё 34,7% с/с), нок (-16,8% м/м ё 19,0% с/с), банан (-0,4% м/м ё 4,4% с/с) ва ғайра ба амал омад. Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархи орди навъи якум (1,2% м/м ё -4,3% с/с), гӯшти гов (2,7% м/м ё 5,1% с/с), биринҷ (3,8% м/м ё 13,1% с/с), равғани пахта (1,8% м/м ё 1,8% с/с), помидор (23,4% м/м ё 1,4 маротиб с/с) ва сабзӣ (15,0% м/м ё -14,9% с/с) раванди болоравӣ дошт.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** (-2,5% м/м ё 20,4% с/с) вобаста ба поёнравии нархи гази моеъ (-7,9% м/м ё 27,4% с/с) дар моҳи баррасишаванда раванди коҳишёбӣ дошт, ки ба ин раванд пеш аз ҳама ба сатҳи мувозинатӣ баргаштани талаботу пешниҳод таъсири мусбат расонид.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** (0,2% м/м ё 1,0% с/с) бошад, дар ин моҳ вобаста ба афзоиши нархи хизматрасониҳои нақлиётӣ (5,4% м/м ё 6,0% с/с), бо нишондиҳандаи мусбат ҷамъбаст гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро бо истифода аз фишангҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвил ҷиҳати танзими ҳаҷми пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳо ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки таваррум амалӣ менамояд.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**- Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯроквории, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | Август, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **0,8** |
| **Маҳсулоти хӯроквори ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **1,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 1,5 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 3,8 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 1,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 2,9 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 2,7 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 2,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 1,4 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 1,9 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 1,1 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | -4,0 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | 5,8 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -0,7 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **1,7** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯроквори** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **0,0** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 0,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | -0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | -2,5 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **1,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | -1,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 0,4 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | -7,6 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | 5,4 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*